УДК: 656.025.4 DOI: 10.65599/ENG2478

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ КУНУНӢ ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ БОРҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

[1]Х. Сафаров, [2]О.С. Ниёзов, [2]Ш.К. Шодиев
[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур
[2]Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳолати ҷории ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ ва омӯзиши таҷрибаи амалкунанда мушкилоти асосии низоми ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ ва омилҳои таъсиррасон ба самаранокии он муайян карда мешаванд. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ роҳҳои такмилдиҳӣ дар самти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунии логистикӣ пешниҳод мегарданд.

***Калидвожаҳо:*** *ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ, логистика, инфрасохтори нақлиётӣ.*

# АНАЛИЗ ТЕКУЩЕГО СОСТОЯНИЯ И ПУТЕЙ УЛУЧШЕНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ГРУЗОПЕРЕВОЗОК В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Х. Сафаров, О.С. Ниёзов, Ш.К. Шодиев

В статье проводится анализ современного состояния перевозок сельскохозяйственных грузов в Республике Таджикистан. На основе статистических данных и изучения практического опыта выявляются основные проблемы функционирования системы перевозок и факторы, влияющие на ее эффективность. С целью повышения эффективности перевозок сельскохозяйственных грузов предлагаются пути совершенствования, направленные на развитие транспортной инфраструктуры и внедрение современных логистических методов управления.

***Ключевые слова:*** *перевозка сельскохозяйственных грузов, логистика, транспортная инфраструктура.*

# ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND WAYS TO IMPROVE AGRICULTURAL CARGO TRANSPORTATION IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Kh. Safarov, O.S. Niyozov, Sh.K. Shodiev

The article analyzes the current state of agricultural cargo transportation in the Republic of Tajikistan. Based on statistical data and the study of practical experience, the main problems of the transportation system and factors affecting its efficiency are identified. In order to improve the efficiency of agricultural cargo transportation, measures aimed at developing transport infrastructure and implementing modern logistics management methods are proposed.

***Keywords:*** *agricultural cargo transportation, logistics, transport infrastructure.*

## Муқаддима

Дар шароити рушди иқтисоди бозоргонӣ ва густариши занҷирҳои муосири таъминот нақши нақлиёти автомобилӣ ҳамчун унсури калидии логистикаи нақлиётӣ назаррас буда, ташкилкунанда ва таъминкунандаи ҳамоҳангии равандҳои логистикӣ ва пайвастагии инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳисоб меравад. Ин намуди нақлиёт ҳамчун зерсохтори системаи нақлиётӣ саривақтӣ расонидани борҳо дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии занҷири таъминот ба ҳисоб меравад. Дар системаи ҳамлу нақли байналмилалӣ вазифаи нақлиёти автомобилӣ пайвасткунандаи байни истеҳсолкунандагон, марказҳои логистикӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, бандарҳо ва истеъмолкунандагони ниҳоиро иҷро мекунад. Тадбиқ ва амалинамоии ҳамлу нақли мултимодалӣ бе иштироки ин намуди нақлиёт ғайриимкон мебошад.

*Мақсади асосии мавзуъи дидашаванда* дар ин мақола таҳлили ҳолати кунунии ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ дар мисоли минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мушкилиҳои мавҷуда ва таҳияи роҳҳо ҷиҳати такмилдиҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити минтақавӣ мебошад.

Ба сифати объекти дидашаванда дар мақолаи мазкур низоми ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла фаъолияти корхонаҳои нақлиётӣ, инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва робитаи онҳо бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гирифта шудааст.

Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур дар ин мақола чунин вазифаҳоро барои ҳал намудан дида баромадем:

- таҳлили асосҳои назариявӣ ва мафҳуми ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ дар низоми логистикаи минтақавӣ;

- таҳлил ҳолати кунунии ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баҳодиҳии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва имкониятҳои мавҷудаи онҳо;
- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти ташкили ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ.

Масъалаи асосии муайян намудани ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ дар низоми ҳамлу нақл ба баҳодиҳии самаранокии истифодаи он, сатҳи таъсир ба хароҷоти логистикӣ ва дараҷаи мутобиқат бо талаботи бозори байналмилалӣ вобаста мебошад. Дар бештари ҳолатҳо аз сабаби маҳдудияти инфрасохтори роҳи оҳан ва нақлиёти обӣ боиси афзоиши вобастагӣ аз нақлиёти автомобилӣ мегардад, ки ин ҳамзамон ҳам имконият ва ҳам мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад. Дигар омили муҳимми истифодаи нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии инфрасохтори нақлиётӣ аз роҳҳои автомобилгард мебошад, зеро релефи кӯҳистони мамлакат имконияти густариши васеи роҳҳои оҳан ва дигар намудҳои нақлиётро маҳдуд месозад. Ин натанҳо таъмини эҳтиёҷот бо маҳсулот мебошад, балки дастрасии молу маҳсулотро аз руи низоми “аз дар то дар” амалӣ менамояд, ки ин самаранокии занҷири таъминотро ба таври назаррас баланд мебардорад [1].

Яке аз масъалаҳои муҳими маҳдудкунандаи самаранокии ҳамлу нақли борҳо дар Ҷумхурии Тоҷикистон сифати нокифояи роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои деҳот ва кӯҳӣ ба ҳисоб меравад. Шароити мураккаби ҷуғрофӣ, фарсудашавии қисме аз шабакаи роҳҳо, инчунин таъсири омилҳои табиӣ, аз қабили тарма, сел, фаромадани санг ва яхбандӣ боиси паст гардидани сатҳи эътимоднокӣ ва бехатарии ҳаракат мегардад. Сифати пасти роҳҳо дар чунин минтақаҳо на танҳо муҳлати интиқоли борҳоро дароз мекунад, балки ба афзоиши хароҷоти логистикӣ, фарсудашавии босуръати воситаҳои нақлиётӣ ва зиёд шудани талафоти молу маҳсулот оварда мерасонад. [2]. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи равишҳои логистикӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонанд. Онҳо ҷиҳати рушди интиқоли борҳои кишоварзӣ пеш ҳама истифодаи технологияҳои муосири логистикӣ, аз он ҷумла марказҳои логистикию нақлиётӣ, анборҳои муҷаҳҳаз ва системаҳои идоракунии интиқолро дар раванди ҳамлу нақл истифода менамоянд. Ин ҳолат махсусан дар занҷирҳои таъминоти маҳсулоти кишоварзӣ ва борҳои зудвайроншаванда таъсири худро мерасонад. Дар расми зерин ҳолати кунунии ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ аз руи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.




*Расми 1-Ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2015-2024*

Бо вуҷуди афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Хатлон, Суғд, ноҳияҳои тобеи марказ ва дигар минтақаҳо, ҳамоно як қатор мушкилиҳо вуҷуд доранд, аз он ҷумла, набудани терминалҳо, анборҳои муҷаҳҳаз ва сардхонаҳо, ки ба афзоиши талафоти мол, паст шудани самаранокии интиқол ва маҳдуд гардидани дастрасӣ ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ оварда мерасанд [3]. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии занҷири таъминот ба тадбирҳои ҷиддӣ оид ба рушди инфрасохтори логистикию нақлиётӣ ва ташкили системаҳои нигоҳдории муосир эҳтиёҷ дорад. Дигар омили муҳиме ки ба чараёни рушди интиқоли борҳои кишоварзӣ оварда мерасонад, ин мавҷуд набудани марказҳои мутобиқ ва муҷаҳҳази ҷамъоварӣ ва тақсимоти маҳсулот мебошад.

Ҷиҳати таъмини муҷаҳҳази ҷамъоварӣ ва тақсимоти маҳсулот саҳми марказҳои мутобиқ ба намуди маҳсулот ва хусусияти онҳо назаррас буда, онҳо имконият медиҳанд, ки чараёни интиқол ва нигоҳдории борҳо аз руи низоми «аз дар то дар» бо самаранокии баланд ва талафоти ҳадди ақал амалӣ гарданд. Инчунин ин марказҳо ҳамзамон ба ҳамоҳангсозии фаъолияти нақлиёти автомобилӣ ва ташкили ҳамлу нақли мултимодалӣ мусоидат намуда, сатҳи эътимоднокӣ ва сифати маҳсулотро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин менамоянд.



*Расми 2-Сардхона барои нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ*

Истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ бештар дар минтақаи Хатлон ба назар мерасад, ки боиси зарурати ташкили марказҳои махсуси ҷамъоварӣ ва тақсимоти маҳсулот мегардад. Масалан, афзоиши истеҳсоли мева ва сабзавот дар ноҳияҳои Қӯрғонтеппа ва Ҳамадонӣ талаб мекунад, ки анборҳои хунук ва терминалҳои муҷаҳҳаз барои нигоҳдорӣ ва тақсимоти самаранок мавҷуд бошанд. Ин тадбирҳо на танҳо сифати маҳсулотро ҳифз мекунанд, балки имконият медиҳанд, ки маҳсулот ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ тибқи низоми «аз дар то дар» расонида шавад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, масъалаи самаранок ва саривақтии интиқол додани маҳсулот ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ аҳамияти калони стратегӣ пайдо кардааст. Занҷири таъминот, ки аз истеҳсолот то истеъмолкунанда идома меёбад, бояд ҳамоҳанг, устувор ва мутобиқ ба хусусиятҳои минтақаӣ ва навъи маҳсулот бошад.




*Расми 3 – Занҷири таъминот аз истеҳсолот то истеъмолкунанда*

Ҳар як минтақа вобаста аз хусусиятҳои хоси худ ба навъи маҳсулот ва шакли инфрасохтори ҷамъоварӣ ва тақсимот ниёз дорад. Минтақаҳои ҳамвор ва сербориш, ба монанди Хатлон, барои афзоиши истеҳсоли мева ва сабзавот анборҳои хунук ва терминалҳои муҷаҳҳаз лозиманд, то сифати маҳсулот ҳифз гардида, интиқол ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо талафоти кам амалӣ шавад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст, мисли Бадахшон ва қисмҳои кӯҳии Суғд, мушкилоти дастрасӣ ва фарсудашавии роҳҳо сабаби афзалияти марказҳои хурд ва нуқтаҳои маҳаллӣ барои ҷамъоварӣ ва тақсимоти маҳсулот мебошад. Дар вилоятҳои саноатӣ ва шаҳрӣ, ки дастрасӣ ба шабакаи нақлиёт осонтар аст, марказҳои логистикӣ ва анборҳои махсус барои маҳсулоти техникӣ ва таҷҳизот самаранокaнд. Ин тақсимоти инфрасохторӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ самаранокии занҷири таъминотро баланд мебардорад ва имконият медиҳад, ки маҳсулот ба истеъмолкунанда сари вақт ва босифат расонида шавад.

Ҷадвали 1 – Хусусиятҳои хоси минтақаҳо ҷиҳати самаранокии занҷири таъминот

| Минтақа | Хусусиятҳои хоси минтақа | Намуди маҳсулот | Инфрасохтори лозимӣ | Таъсири инфрасохтор ба занҷири таъминот |
|---|---|---|---|---|
| Хатлон | Релефи нисбатан ҳамвор, иқлими гарм ва сербориш, майдони калони кишт | Мева ва сабзавот (тару тоза), ғалладонагӣ, сабзавоти коркардшуда | Анборҳои хунук ва стандартӣ, терминалҳо, марказҳои логистикӣ | Ҳифзи сифати маҳсулот, кам кардани талафот, таъмин кардани интиқоли босифат ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ |
| Суғд | Қисмҳои ҳамвор ва кӯҳӣ, иқлими гуногун | Мева ва сабзавот, ғалладонагӣ, маҳсулоти консервшуда | Анборҳои хунук, марказҳои логистикӣ, сардхонаҳо | Афзоиши рақобатпазирӣ, нигоҳдории мол дар мавсими ҷамъоварӣ, дастрасии маҳсулот ба бозорҳои дохилӣ ва содиротӣ |
| НТҶ | Релефи кӯҳӣ, роҳҳои маҳдуд ва фарсуда | Маҳсулоти хурд, анъанавӣ ва баъзе ғалладонагӣ | Марказҳои ҷамъоварӣ ва нуқтаҳои тақсимот | Ҳамоҳангсозии интиқол, кам кардани талафот, дастрасӣ ба аҳолӣ |
| Шаҳри Душанбе | Дастрасии осон ба шабакаи роҳҳо ва логистика | Маҳсулоти техникӣ ва таҷҳизот | Марказҳои логистикӣ ва тақсимоти махсус | Расонидани борҳо сари вақт, ҳифзи мол аз осеб ва талафот |

Дар минтақаи Хатлон ҳаҷми зиёди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар расида, зиёда аз 50% истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Истеҳсоли ин намуди маҳсулот дар маҷмуъ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ру афзоиш дошта, ҳаҷми истеҳсоли он дар расми зерин оварда шудааст.




*Расми 4-Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024, ҳаз.сомонӣ*

Тавре аз расми 2 бармеояд ҳаҷми бештари истеҳсоли маҳсулот ба минтақаи вилояти Хатлон рост омада, ба 39148413 ҳаз.сомонӣ дар соли 2024 баробар аст, ки ин зиёда 50% истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад. Мавқеи дуюмро вислояти Суғд ташкил медиҳад, ки дар ин минтақа дар соли 2024 истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ ба 22383180 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Ҳамин гуна дар ҳар як минтақа истеҳсоли он вобаста аз хусусият, релеф ва иқлим натиҷаҳои фарққунанда ва гуногун доранд.

Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ як қатор мушкилиҳои ҳамлу нақли маҳсулотҳои кишоварзӣ вуҷуд дошта, такмилдиҳии онҳо як қатор тадбирҳо ва эҳтиёҷотҳоро талаб менамоянд. Аз он ҷумла, набудани терминалҳо ва анборҳои муҷаҳҳаз, мавҷуд набудани марказҳои ҷамъоварӣ ва тақсимот, сифати нокифояи роҳҳои автомобилгард, набудани инфрасохтори хунук ва сардхонаҳо ва такмили низоми иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии иштирокчиёни занҷири таъминот ва ғайраҳо. Амалӣ намудани ин тадбирҳо имконият медиҳад, ки маҳсулот бо талафоти ҳадди ақал, бо сифати баланд ва дар муҳлати кӯтоҳ ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ расонида шавад [4]. Инчунин барои мукаммалгардонии раванди интиқоли молҳо як қатор чораҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:




*Расми 5 –Чораҳо ҷиҳати такмилдиҳии ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ*

Ҳамлу нақли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он яке аз унсурҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ба шумор рафта, истеҳсоли он дар кишвар ба таври назаррас тақсим шудааст, ки дар онҳо хусусиятҳои табиӣ, иқлимӣ ва релеф нақши муҳими худро доранд. Масалан, вилояти Хатлон бо иқлими гарм ва майдони ҳамвор барои

афзоиши истеҳсоли мева ва сабзавот мувофиқ аст, ҳиссаи он дар маҷмӯи истеҳсоли кишоварзӣ беш аз 50 %-ро ташкил медиҳад. Дар Суғд истеҳсоли мева ва сабзавот, инчунин ғалладонагӣ ба минтақаҳои ҳамвор ва қисмҳои кӯҳӣ вобаста мебошад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст, мисли Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон истеҳсоли маҳсулоти хурд ва анъанавӣ асос аст, ки ба фарсудашавии шабакаи роҳҳо ва дастрасии маҳдуд ба бозор вобаста мебошад.

## Хулоса

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмилдиҳии ҳамлу нақли борҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тавассути рушди инфрасохтори логистикӣ, марказҳои ҷамъоварӣ ва тақсимот, сардхонаҳо, ҳамоҳангсозии низоми интиқол ва истифодаи технологияҳои муосир метавон самаранокӣ ва устувории соҳаи кишоварзӣ ва занҷири таъминотро ба сатҳи баланд бардошт. Ҳамчунин истифодабарии шартҳои таҳвилӣ метавонанд ба рушди ҳамлу нақли борҳо таъсири мусбӣ расонида, дар раванди интиқол самаранокии кори нақлиётиро баланд бардоранд. Амалинамоии шартҳои логистикӣ метавонанд ба пастнамоии хароҷотҳои нақлиётӣ, муайяннамоии масири муносиби интиқол ва зиёднамоии даври гардиш оварда расонанд.

*Муқарриз: Ғуломзода Қ.Ҳ. — н.и.т., дотсент, муовини директори Муассисаи давлатии “Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ”*

## Литература


1. Асадуллин Н.М. Современные проблемы использования грузового автотранспорта в сельском хозяйстве// Вестник Казанского государственного аграрного университета. 2019. Т. 14. № 4-2 (56). С. 44-48.
2. Низомзода Ф. Н. Размещение транспортно-логистических центров в Республике Таджикистан и их роль в повышении эффективности работы транспорта / Ф. Н. Низомзода // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2024. – № 3(67). – С. 42-46.
3. Низомзода Ф.Н. Использование кластерного анализа при размещении транспортно-логистических центров в Хатлонской области (на примере районов Кулябского региона)/-Международный научный журнал Сияние науки №3, 2025г.
4. Наджмудинов Ф.Н. Анализ и перспективы развития мултимодальных перевозок грузов в Республике Таджикистан// Наҷмудинов Ф.Н., Ғафуров Ф.Ҷ., Набизода М.Ш. // Политехнический вестник. Серия Инженерные исследования. – Душанбе: ТТУ им. акад. М.С. Осими, 2020, №3 (51) – С.80-84. ISSN 2520 – 2227.
5. Наджмудинов Ф.Н. Прогнозирование грузопотоков по международным транспортным коридорам Республики Таджикистан/Наҷмудинов Ф.Н., Гафуров Ф.Дж., Самадов Т.У.//Вестник Технологического университета Таджикистана, серия экономические иследоания. – Душанбе: ТУТ, 2018, №2 (33) – С. 66-72. ISBN978-99947-0-022
6. Большаков Н. А. Повышение эффективности сельскохозяйственных перевозок / Н. А. Большаков, О. Н. Дидманидзе // Международный технико-экономический журнал. – 2021. – № 3. – С. 104-111. – DOI 10.34286/1995-4646-2021-78-3-104-111. – EDN JTFCDU.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН - СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ - INFORMATION ABOUT AUTHORS**

| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Сафаров Хучавалӣ | Сафаров Худжавали | Safarov Khujavali |
| доктори илмҳои техникӣ, профессор | доктор тех.наук, профессор | Doctor of Technical Sciences, Professor |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур | Таджикский аграрный Университет им.Ш. Шотемур | Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur |
| E-mail: khudzhavali1947@mail.ru | | |
| TJ | RU | EN |
| Ниёзов Одилҷон Сатторович | Ниёзов Одилджон Сатторович | Niyozov Odiljon Sattorovich |
| Муаллими калон | старший преподаватель | senior lecturer |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |
| TJ | RU | EN |
| Шодиев Шодиқул Каримович | Шодиев Шодикул Каримович | Shodiev Shodiqul Karimovich |
| Муаллими калон | старший преподаватель | senior lecturer |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |